“Тасдиқ менамоям”
Директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф
ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон
номзади илмҳои физика - математика, дотсент
__________________ Наҷмиддиниён А.М.
«23» ____11____ соли 2022

**ТАҚРИЗИ**

муассисаи пешбар ба рисолаи илмии Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD доктор аз рӯи ихтисоси 6D010301–Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот.

Мубрамият ва муҳимияти мавзуи интихобнамудаи докторанти PhD аз он иборат аст, ки дар замони муосир рушди технологияҳои иттилоотӣ–коммуникатсионӣ ва идеологияҳои мухталиф ҷомеаи ҷаҳониро ором нагузошта, хатар ба таъриху фарҳанг ва тамаддун бештар шуда, воридшавии унсурҳои бегона ба фарҳанги миллӣ, боиси аз байн рафтани урфу одат, анъана ва ҳувияти миллӣ мегардад.

Дар рисолаи докторанти PhD таҳқиқи хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ дар заминаи омӯзиши ақидаҳои арзишманд ва асарҳои олимону муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба роҳ монда шудааст.

**Мақсади таҳқиқот**–аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ асоснок намудани моҳияти хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ.

**Навгонии илмии таҳқиқот**:

– меъёрҳо, роҳҳо ва хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ муайян гардида, истифодаи усули инноватсионии таълими корҳои беруназсинфӣ пешниҳод гардид;

– роҳҳо ва нишондиҳандаҳои мусбати ҳисси худшиносии миллии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асоснок ва ошкор карда шуданд;

– нақш ва мақоми худшиносии миллӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ вобаста ба шароит ва талаботи педагогӣ муайян карда шуд;

– амсилаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ таҳия карда шуд;

– ташкили корҳои тарбиявию беруназдарсӣ дар мактаб ҳамчун заминаи таърихию фарҳангӣ барои рушди минбаъдаи насли наврасу ҷавонон илман асоснок карда шуд;

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот:**

– дар раванди фаъолияти таълимии муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ шароити педагогии беҳтар ташаккул додани худшиносии миллии хонандагон ба тариқи озмоишҳо асоснок карда шуданд;

– дастури методии таҳия ва татбиқшудаи фанни таърихи халқи тоҷик имконият медиҳад, ки раванди ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар фаъолияти педагогӣ мақсаднок ба роҳ монда шавад;

– тавсияҳои илмию амалӣ нисбат ба хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон ҳамчун сифати муҳимми шахсии онҳо муайян карда шуданд.

Рисолаи илмии докторанти PhD аз муқаддима, ду боб, 8 параграф, хулоса, 3 ҷадвал, 3 расм ва 186 адабиёт иборат буда, диссертатсия дар ҳаҷми 181 саҳифа таҳия гардидааст.

Муҳаққиқ дар муқаддима мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома, тавсифи умумии таҳқиқот, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшавандаи таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи илмӣ, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯи мавзуи диссертатсия, сохт ва ҳаҷми диссертатсияро пешниҳод намудааст. Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ илман асоснок карда шуда, дастгоҳи илмии диссертатсия тарҳрезӣ гардидааст.

Боби якуми диссертатсия – **«Асосҳои назариявии ташаккули худшиносии миллии хонандагон»** аз чор зербоб иборат буда, ба таҳлили иҷтимоӣ, фалсафӣ, таърихӣ, педагогӣ, психологӣ ва арзишҳои миллӣ бахшида шудааст.

Зербоби якуми диссертатсия ба масъалаи “Мулоҳизаҳои муқаддимотӣ” вобаста ба мавзуи мазкур тавсиф шудаанд.

Дар зербоби дуюми рисолаи илмӣ-таҳқиқотӣ **«Моҳият ва сохти худшиносии миллӣ»** мафҳуми «худшиносии миллӣ» ҳамчун раванди мураккаби психологӣ, шакли махсуси шуури миллӣ, нишонаи миллат, вазифаҳои худшиносии миллӣ, арзишҳои миллӣ, идеали миллӣ, хусусиятҳои таърихи гузашта, ҳозира ва рушди ояндаи миллат, хусусиятҳои этникии миллат, маданияту санъат, анъана ва расму оинҳои миллати тоҷик ҳаллу фасли худро бахри ба даст овардани мақсади муайян дар марҳилаҳои этникӣ ёфтааст, ки натиҷаҳои он дар меъёрҳои баланд, миёна ва паст мушаххас гардидааст.

Зербоби сеюми боби якуми рисола **«Ташаккул ва рушди худшиносии миллии хонандагон дар раванди худтарбиякунӣ»** дар бораи худтарбиякунӣ, худуҳдадорӣ, худсобиткунӣ, фаҳмидани фаъолияту рафтори худ, худназораткунӣ, худбаҳодиҳӣ, серталабии «Мани идеалӣ»,

фаҳмидани ҷойгоҳи худ дар ҳаёти шахсию ҷамъиятӣ ва ғайра, ки омилҳои муҳими худшиносии миллии хонандагон ба ҳисоб мераванд, маълумоти мушаххас медиҳад.

Дар зербоби чоруми боби якуми кори илмӣ-таҳқиқотӣ **«Дараҷаи ташаккул ва рушди худшиносии миллии хонандагон»** баррасии моҳият, мазмун, сохт, алоқамандӣ, сохти худшиносии умумӣ, сохти худшиносии миллӣ, худшиносии миллӣ ҳамчун ҷараёни мураккаби педагогию психологӣ, нақши дарккунанда ва даркшаванда дар худшиносии миллӣ, обрӯпайдокунӣ, моҳияти образи «Ман», қисматҳои маърифатӣ, эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ, ва ғайра ба миён гузошта шудааст.

Боби дуюми рисолаи илмӣ – таҳқиқотӣ ба таҳлили **«Имконияти педагогии таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва нақши корҳои беруназдарсӣ дар ташаккули худшиносии миллии хонандагон»** равона гардида, аз чор зербоб иборат мебошад.

Бахши якуми боби дуюми рисола **«Асосҳои илмӣ–педагогии ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик»** омӯзиши маводҳои таълимӣ дар синфҳои озмоишӣ ҳангоми таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ аз ҷиҳати илмию педагогӣ мавриди муҳокима ва баррасӣ қарор гирифтаст.

Зербоби дуюми диссертатсия **«Шароити педагогӣ ва хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик»** раванди ташаккули худшиносии миллии хонандагони синфҳои озмоишӣ ба таври мухтасар дар асоси натиҷаҳои бадастомада шарҳдиҳӣ ҳаллу фасли худро ёфта, исбот гардид, ки худшиносии миллии хонандагон аз донистану баҳо додани ки будани ориёиҳо, макони доимии онҳо, тамаддуни онҳо, аҳамияти таълимоти Зардушт, дини онҳо, шуҳрати ҷаҳонӣ доштани китоби муқаддаси «Авесто», давлатдории миллати тоҷик дар мисоли давлатдории Ҳахоманишиниён, Кушониён, Сосониён, Сомониён, Тоҳириён, Саффориён ва ғайра сарчашма гирифтааст.

Мафҳуми зерфасли сеюми диссертатсия **ба «Ташаккули худшиносии миллии хонандагон ҳангоми омӯзиши маводи таълимии давраи навини давлатдории миллӣ»** бахшида шуда, омӯхтани ҷабҳаҳои таърихии миллати хеш танҳо ба хотири донистани гузашта нест, балки он дурнамоест, ки роҳи ояндаи миллат ва пешомадҳои давлатдории навинро муайян менамояд.

Дар зербоби чоруми диссертатсия **«Корҳои беруназдарсӣ-омили муҳимми ташаккули худшиносии миллии хонандагон»** мафҳуми корҳои беруназдарсӣ баррасӣ гардид.

Хулоса, ташаккули худшиносии миллии хонандагон яке аз масъалаҳои муҳимми педагогию психологии замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ба таърихи ин миллат тааллуқ доштани насли наврасу ҷавононро асоснок мекунад.

Муҳаққиқ ҳангоми таҳлилу баррасии мавзуъҳои интихобгардида дар ҳалли масъалаи ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ ба муваффақиятҳо ноил гардидааст.

Муаллифи диссертатсия дар асоси натиҷаҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот 12 мақола, 1 монография, 1 дастури таълимӣ нашр намудааст, ки аз онҳо 8 мақолааш дар нашрияҳои бонуфузи тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

Дар диссертатсияи мазкур дар баробари муваффақиятҳои зиёд, баъзе нуқсонҳои зерин ба назар мерасанд, ки ислоҳи минбаъдаи онҳо боиси боз ҳам баланд бардоштани сифати таҳқиқотҳои оянда хоҳад буд.

1. Агар боби якум ва дуюм ба 3 зербоб тақсим мегардид, хубтар мебуд.

2. Хуб мешуд, ки дар диссертатсия нисбат ба иқтибосоти муҳаққиқони хориҷӣ аз муҳаққиқони ватанӣ бештар истифода менамуд.

3. Дар рисола баъзе саҳву иштибоҳоти услубӣ, имлоӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Эродҳои овардашуда ҷанбаи ҷузъӣ ва тавсиявӣ дошта, арзиши асосии назариявию амалии рисоларо коҳиш дода наметавонанд.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ маводи фаровони илмӣ пешниҳод шудааст, ки дар феҳрасти адабиёт инъикос гаштаанд ва дар навбати худ, барои дар оянда машғул шудан ба омӯзишу таҳқиқи масъалаҳои марбут ба худшиносии миллии муҳассилин мусоидат карда метавонад.

Рисолаи илмии докторанти PhD дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» таҳқиқоти анҷомёфта ҳисобида шуда, аз рӯйи ҳаҷм ба талаботи Низомномаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгу буда, муаллифи он сазовори соҳиб шудан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯй ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Ҳамин тариқ диссертатсияи Гулрӯи Суҳроби Ҷурахонзода дар мавзуи «Хусусиятҳои ташаккули худшиносии миллии хонандагон дар ҷараёни таълими фанни таърихи халқи тоҷик ва корҳои беруназдарсӣ» ба бандҳои 76;77 ва 79-и “Тартиб додани дараҷаи илмӣ”, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30- июни соли 2011, таҳти №267 ба табъ расидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯй ихтисоси 6D010301 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 14 нафар.

Қарор бо як овоз қабул шуд.

“Тарафдор” 14 нафар.

“Зид” – нест.

“Бетараф” – нест.

Тақризи муассисаи пешбар аз ҷониби номзади илмҳои педагогӣ, муовини директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ

Лутфуллоева Парвина Маҳмадуллоевна омода карда шуда, он дар семинари васеи илмӣ - назариявии шуъбаи педагогика ва психология санаи 21- ноябри соли 2022 (суратҷаласаи №10) муҳокима карда шудааст.

Раиси ҷаласа:
Мудири шуъбаи педагогика ва психологияи
Пажуҳишгоҳи рушди маориф,
н. и. п, дотсент: Раҷабов С.

Ташхисгар (эксперт) раиси Шурои
илмӣ-методӣ н.и.п: Лутфуллоева П.М.

Котиби ҷаласа: Ҷонмаҳмадова Г.

Имзои С. Раҷабов ва П.М. Лутфуллоеваро тасдиқ менамоям.

Сардори шуъбаи кадрҳои Пажуҳишгоҳи
рушди маориф ба номи А. Ҷомӣ,
Академияи таҳсилоти Тоҷикистон: Ҳакимова Х.

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон.
ш.Душанбе, хиёбони Садриддин Айнӣ, 126.
Тел. 2258405/2258408.
Сомона: ПРМ ба номи А.Ҷомӣ, АТТ:
Email: nuriddinovna95@bk.ru

23.11.2022